**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 106/2е

аз «05» 08 соли 2022

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Дастурамал "Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ" ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

2. Дар бандҳои 4, 6, 7, 10, 13, 18, 19, 20, 21, 24, 27, 28, 37, 55, 56, 57, 62 64, 75 ва 88 уҳдадориҳо барои бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд вобаста ба пешбинӣ намудани қарз, ташкил намудани коргузории электронӣ, Кумитаи қарзӣ ва шахси вобаста, таъмини робитаи доимӣ бо қарзгир ва сифати хизматрасонии қарздиҳӣ, пешбинӣ шудааст.

3. Маҳдудиятҳо барои ташкилотҳои болозикр оид ба ифшо накардани ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳо дар бораи фаъолият ва муштарӣ, андозаи муқарраргардидаи қарзи хурд, пешбинӣ гардидааст.

4. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

5. Роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок буда, лоиҳаи мазкур барои танзими масъалаҳои тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ, инчунин ба роҳ мондани коргузорӣ ва хизматрасонии қарздиҳӣ тариқи электронӣ, аз ҷумла фосилавӣ мусоидат менамояд.

6. Иловатан пешниҳод мегардад:

- сархати нӯҳуми зербанди а) ва сархати ҳаштуми зербанди б) банди 22 хориҷ карда шаванд;

- банди 75 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

“Кормандони ташкилоти қарзӣ ҳамаи амалҳо ва муносибати худро бо муштарӣ тибқӣ талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ намоянд”;

- дар матни русӣ дар номи ва мавзуи лоиҳа калимаҳои “Инструкции” ба “Инструкция” иваз карда шавад;

- дар мавзуи лоиҳа калимаи “статьями” ба калимаи “статей” иваз карда шавад.

Директор — Саидзода И.Ҳ.